**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Директори Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д. ________________

«__03__» ____04____________ 2026 с.

# ХУЛОСА

## шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, дар шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон соли 2019 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо зинаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси сотсиология хатм намуда, худи ҳамон сол ба зинаи магистратураи ихтисоси сотсиология дохил шуда, онро соли 2021 хатм намудааст. Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон соли 2024 зинаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиологияро хатм намудааст.

Маълумотномаи академӣ (Транскрипт) оид ба супоридани имтиҳон санаи 03.09.2024 таҳти №43 дода шудааст.

Мавзуи диссертатсия бо Қарори Шурои олимони Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 30.05.2022, суратмаҷлиси №6 тасдиқ гардидааст.

Айни ҳол дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси ассистенти кафедра фаъолият намуда, аз фанҳои «Сотсиологияи реклама», «Истифодабарии технологияҳои муосири иттилоотӣ дар таҳқиқоти сотсиологӣ», «Сотсиологияи муносибатҳои байналхалқӣ» ва дар ихтисосҳои факултетҳои ғайритахассусии гуруҳҳои русӣ ва англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонӣ аз фанни «Сотсиология» дарс медиҳад.

Роҳбари илмӣ – Мирзода Фирӯз Сафаралӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар ҷаласаи шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима гардида, барои пешниҳод ба ҳимоя тавсия дода шудааст (протоколи №5 аз «3» апрели соли 2026).

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)» хулосаи зерин қабул гардид.

**Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он бармеояд, ки масъалаи камбизоатӣ дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба яке аз мушкилоти муҳимми иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Камбизоатӣ на танҳо падидаи иқтисодӣ, балки зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ буда, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, имкониятҳои иҷтимоӣ, дастрасӣ ба таҳсилот, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва

рушди сармояи инсонӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, тағйирёбии сохтори иҷтимоӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи камбизоатӣ аҳаммияти махсус касб менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз тадбирҳои андешидашуда дар самти беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, ин масъала ҳамоно яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, омӯзиши илмии камбизоатӣ, муайян намудани омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва институтсионалии ташаккули он, инчунин, таҳияи механизмҳои муассири коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Таҳқиқоти сотсиологии ин падида имкон медиҳад, ки хусусиятҳои асосии камбизоатӣ дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон муайян гардида, таъсири он ба равандҳои иҷтимоӣ ва рушди ҷомеа ошкор карда шавад.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот бо он асос меёбад, ки омӯзиши камбизоатӣ барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеа аҳаммияти муҳим дорад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ танҳо дар шароити татбиқи сиёсати иҷтимоии ҳамоҳангшуда, рушди бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи таҳсилот ва такмили механизмҳои дастгирии иҷтимоии қишрҳои осебпазири аҳолӣ имконпазир мебошад. Ҳамзамон, дар таҳқиқот зарурати таҳкими нақши институтҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои танзими иҷтимоӣ дар раванди коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд, ки ба омӯзиши хусусиятҳои камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, таҳлили

омилҳои ташаккули он ва муайян намудани роҳҳои коҳиш додани таъсири манфии камбизоатӣ ба рушди иҷтимоии ҷомеа равона шудаанд.

Объекти таҳқиқот – камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мебошад.

Предмети таҳқиқот – таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи зуҳуроти камбизоатӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муайян намудани асосҳои назариявию методологии омӯзиши камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои асосии он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқот камбизоатӣ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ баррасӣ гардида, нишон дода шудааст, ки он на танҳо бо омилҳои иқтисодӣ, балки бо маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, демографӣ ва институтсионалӣ алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, дар кор нақши сиёсати иҷтимоии давлат ва механизмҳои танзими иҷтимоӣ дар самти коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ асоснок гардида, аҳаммияти рушди сармояи инсонӣ, такмили бозори меҳнат ва тақвияти дастгирии иҷтимоии қишрҳои осебпазири аҳолӣ ҳамчун омилҳои муҳимми коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ нишон дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла 1 монография ва 6 мақолаи илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 7 зербоб, хулоса ва тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 8 ҷадвал ва 16 расмро дар бар мегирад ва дар 215 саҳифа таҳия гардида, 152 номгӯй адабиётро фаро мегирад. Нашриёҳои илмии довталаб аз ҷиҳати мазмун ба мавзуи диссертатсия ва муқаррароти

асосии он пурра мувофиқ буда, натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро инъикос менамоянд.

**Рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

**Монография**

[1-М]. Аҳрорӣ, А.М. Камбизоати ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ). Монография [Матн] / А.М. Аҳрорӣ //. – Душанбе: ДМТ, 2025. – 168 с.

**Мақолаҳои илмие, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[2-М]. Нурматова, А.М. Камбизоати ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ: таҳлили сотсиологӣ [Матн] / А.М. Нурматова, Ф.С. Миров // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2022. – №2. – С. 95-101. ISSN: 0235-005X.

[3-М]. Нурматова, А.М. Гендерные аспекты бедности в Таджикистане [Текст] / А.М. Нурматова // Таджикистан и современный мир. – 2022. – №4 (80). – С. 235-243. ISSN: 2075-9584.

[4-М]. Нурматова, А.М. Инъикоси масъалаи камбизоатӣ дар таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик [Матн] / А.М. Нурматова // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – № 4 (84). – С. 301-308. ISSN: 2075-9584.

[5-М]. Нурматова, А.М. Особенности государственной политики Таджикистана в направлении социальной защиты бедных слоев население [Текст] / А.М. Нурматова // Известия Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной

академии наук Таджикистана. – 2024. – №1. – С. 299-304. ISSN: 0235-005X.

[6-М]. Нурматова А.М. Равияҳои назариявӣ-методологии омӯзиши камбизоатӣ [Матн] /А.М. Нурматова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №11. – С. 233-239. ISSN: 0235-005X.

[7-М]. Аҳрорӣ, А.М. Таҳқиқи рафтори истеъмолии шахсони камбизоат дар Тоҷикистон [Матн] / А.М. Аҳрорӣ // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2025. – №4. – С. 411-417. ISSN: 0235-005X.

Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба масъалаҳои камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, омилҳои ташаккул ва паҳншавии он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, инчунин такмили механизмҳои сиёсати иҷтимоии давлатӣ васеъ истифода гарданд. Натиҷаҳои илмии бадастомада барои таҳия ва татбиқи чорабиниҳои самараноки иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар самти коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ доранд. Муҳтавои асосии илмӣ, хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар автореферат пурра ва дуруст инъикос ёфта, ба мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда мутобиқат мекунанд.

Мазмун, сохтор ва натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) пурра мутобиқат менамоянд, зеро дар таҳқиқот

масъалаҳои сотсиологии камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, омилҳои ташаккул ва паҳншавии он, инчунин таъсири камбизоатӣ ба сохтори иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудаанд.

Мавзуъ ва мухтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди илми муосири сотсиологӣ мутобиқат намуда, ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба сохтори иҷтимоии ҷомеа, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ, инчунин таҳлили омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккул ва паҳншавии камбизоатӣ ва таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон равона гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ниёзҳои воқеии иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намуда, ба масъалаҳои марбут ба тағйирёбии сохтори иҷтимоии ҷомеа, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба паҳншавии камбизоатӣ иртибот доранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар такмили сиёсати иҷтимоии давлатӣ, таҳияи чорабиниҳои самаранок дар самти коҳиш додани камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоии қишрҳои осебпазири ҷомеа мавриди истифода қарор гиранд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, ҳангоми таҳия ва такмили ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ, инчунин, дар таҳияи барномаҳо ва чорабиниҳои иҷтимоӣ, ки ба беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ равона гардидаанд, мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳия ва такмили санадҳои меъёрӣ ва барномавӣ, ки ба паст намудани хатарҳои

нобаробарии иҷтимоӣ ва бехтар намудани ҳифзи иҷтимоии қишрҳои осебпазири аҳолӣ нигаронида шудаанд, истифода шаванд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон мустақилона анҷом дода шуда, муқаррароти назариявӣ, хулосаҳои таҳлилӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳодгардида натиҷаи фаъолияти мустақили илмӣ-таҳқиқотии муаллиф мебошанд. Дар раванди омода намудани таҳқиқот муаллиф маҷмуи васеи сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, таҳқиқоти сотсиологӣ ва таҳлилиро мустақилона анҷом дода, коркарди маълумот, шарҳдиҳӣ ва ҷамъбасти илмии онҳоро амалӣ гардонда, натиҷаҳои бадастомада ба таври пайдарпай ҳангоми таҳияи диссертатсия истифода шудаанд.

Ғояҳои асосӣ, муқаррароти илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои таҳлили эмпирикӣ, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот, инчунин, маводи интишороти илмӣ ва маърузаҳо дар конфронсҳои илмӣ натиҷаи бевоситаи фаъолияти илмии Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон буда, саҳми муаллифро дар омӯзиши сотсиологии камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва таъсири он ба сохтори иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)» таҳқиқоти мустақили илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба мавзуи муҳимми иҷтимоӣ бахшида шудааст ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аз рӯйи мазмун, сохтор, мантиқи таҳқиқот ва дараҷаи асоснокии хулосаҳо ба талаботе, ки нисбат ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси

6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) пешниҳод мегарданд, ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо тартиби муқаррааргардида тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст. Дар муҳокима 6 нафар иштирок намуданд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 6; «зид» – нест; «бетараф» – нест. Протоколи №5 аз «3» апрели соли 2026.

**Раиси ҷаласа:**
узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сотсиологӣ,
профессор, мудири шуъбаи сотсиологияи
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ **Ш. Шоисматуллоев**

**Котиби ҷаласа:** ходими илмии
шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва
сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **А.М. Гардоншо**

Имзои доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Ш. Шоисматуллоев ва А.М. Гардоншо-ро тасдиқ мекунам:

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ **Б. Абдурахмонзода**

НОЗИРИ КАДРҲО
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ БА НОМИ АЛЛОВУДДИН БАҲОВАДДИНОВИ АМИТ

«03» «04» 2026.
**Сомона:** www.ifppanrt.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-96